# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи унвонҷӯйи кафедра Султонова Дилрабо Шодихоновна дар мавзӯи “Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи мадании шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқушиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

24 – уми феврали соли 2024.

Бояд зикр намуд, ки унвонҷуй ба мавзуи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ аз аввалҳои солҳои дуҳазорум шавқу мароқ дошт. Сабаб дар он буд, ки ин шакли сармоягузорӣ ва ҳалли мушкилоти манзили истиқоматӣ дар ҳуқуқи маданӣ падидаи нав буд. Унвонҷуй ба теъдоди муҳаққиқоне шомил аст, ки аз омӯзиши падидаҳои нави ҳуқуқӣ наметарсад. Вай ирода ва дониши устувор дошта, дар таҳияи диссертатсия сифатҳои беҳтарини зан – модар, муҳаққиқ ва омӯзгорро нишон дод. Баъди муҳокимаи аввал (соли 2021) дар давоми чор сол таҳқиқоти худро идома дод. Руҳафтода нагардид, мушкилоти ҷойдоштаро босари баланд бартараф намуд. Одоби илмиро риоя намуд. Таҷрибаи ҳуқуқтатбиққуниро дар самт пурра таҳлил кард.

Барои таҳлили ҳамаҷонибаи он муаллиф чунин ҳадаф ва вазифаҳо гузошт: таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ ва амалиявии падидаи ҳуқуқи мадании шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ.

Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо дар таҳқиқоти диссертатсионӣ вазифаҳои зерин гузошта шуд:

- омӯзиши мафҳум, моҳият ва табиати ҳуқуқии шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ;

- муайян кардани хусусиятҳое, ки шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматиро аз дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ фарқ мекунанд;

- муайян кардани шартҳои муҳимми шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ;

- ошкор ва омӯхтани мазмуни муносибатҳои ҳуқуқии баррасишаванда бо роҳи муайян намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои асосии ҳиссагузор ва ширкати сохтмонӣ;

- таҳлили масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқии тарафҳои шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ барои вайрон кардани шартҳои шартнома;

- муайян намудани тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ тибқи шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ;

- пешниҳоди таклифу дархостҳо ҷиҳати таҳияи санади меъёрии ҳуқуқии махсус оид ба иштирок дар сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ ва рушди босуботи муносибатҳо дар самти мазкур.

Дар ду боб, шаш зербоб ва хулосаи диссертатсия ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда пурра иҷро шуданд.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки дар онҳо ҷанбаъҳои гуногуни танзими ҳуқуқи мадании шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагии манзил мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар таҳияи рисола муаллиф ба осори М.А. Маҳмудзода, Ш.Т. Тағойназаров, Ш.К. Ғаюрзода, Қ.Ш. Қурбонов, Ҷ.С. Муртазозода, И.Ғ. Ғаффорзода, М.М. Соҳибзода, Е.Н. Горбунова, А.В. Дикун, Е.П. Злотникова, О.Л. Капитса, Н.В. Кузнетсов, Е.В. Лапутева, А.А. Левин, Т.Ю. Майборода, Н.А. Маштакова, Б.В. Муравев, Е.В. Резтсова, Н.Д. Романенкова, Л.Г. Сайфулова, А.Е. Тарасова ва дигарон такя намудааст.

Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода месозанд.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди муносибатҳои маданӣ дар самти иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ мусоидат карда, сабаби таҳия ва коркарди яке аз падидаҳои муҳимми илми ҳуқуқи маданӣ – шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ мегарданд.

Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои такмили қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва рушди соҳа заминаи мусоид ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд.

Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанни таълимии ҳуқуқи маданӣ, курсҳои махсуси ҳуқуқи шартномавӣ, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирад.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажӯҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни танзими ҳуқуқи мадании шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илми ҳуқуқи маданӣ пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва рушди шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ асос меёбанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи

навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Диссертатсияи мазкур дар кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, дар ҷаласаҳои он чандин маротиба муҳокима ва ба ҳимоя тавсия карда шудааст. Хулоса, натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои нашргашта инъикос ёфтаанд.

Дар асоси ҳолатҳои боэътимоди зикршуда, ба андешаи мо диссертатсияи унвонҷӯй – Султонова Дилрабо Шодихоновна дар мавзӯи "Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи мадании шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқушиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад, худи унвонҷӯй арзандаи дараҷаи илмии дархостшуда мебошад.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи мадании
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, Корманди шоистаи Тоҷикистон: Ғаюрзода Ш. К.

Имзои Ғаюрзода Ш. К – ро тасдиқ
мекунам. Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э. Ш.
10.02.2024

Суроға: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17; Тел.: 93 510 38 62. E – mail: shukrullo67@mail.ru